«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________Асрорзода У.С.
аз ____________ 2025.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии кишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)**

Мавзуи таҳқиқотии Ватанзода Шердил Ватан ба яке аз марҳилаҳои муҳим ва ҳассоси таърихи Тоҷикистони Шуравӣ – солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ – бахшида шудааст. Омӯзиши фаъолияти хоҷагии қишлоқ дар шароити ҷанг, махсусан дар мисоли вилояти Кӯлоб, ки як ҷузъи муҳими системаи аграрии кишварро ташкил медод, аҳамияти назаррас дошта, таҳқиқи масъалаи мазкур холигии илмиро дар ин самт пурра менамояд. Дар шароити муосир, ки эҳёи худшиносии таърихӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, чунин таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ саривақтӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №2, аз санаи 16.05.2025 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дарадаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ ва 6D020303 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Ватанзода Шердил Ватан таъин намуд. Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, протоколи №11, аз 16 июни соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба **шиносномаи** ихтисоси

илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки дар таърихи инсоният Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз нигоҳи миқёс, шумораи қурбониён, харобиҳо ва оқибатҳои фалокатовар бузургтарин ва хунинтарин задухӯрди мусаллаҳона ба ҳисоб меравад. Ғалаба бар Германияи фашистӣ бо ҷидду ҷаҳди ҳамаи халқҳои ИҶШС ба даст омад. Ғалабаи Иттиҳоди Шуравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, роҳи ояндаи тараққиёти ҷаҳонии баъд аз ҷангро муайян кард. Ин ҷанг яке аз озмоишҳои сахттарин буд, ки то ин дам аз ҷониби башарият таҷриба нашуда буд. Бинобар ин, Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар таърихи Ҷумҳурии мо низ яке аз рӯйдодҳои махсус маҳсуб мешавад, ки дар он шаҳрвандони Тоҷикистон низ дар ҷабҳаҳои ҷангӣ ва ҳам дар ақибгоҳ баҳри ғалаба саҳми бузург гузоштаанд. Аз вилояти Кӯлоб зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҷанг сафарбар гардиданд, ки аз худ ҷасорату мардонагӣ ва қаҳрамониҳои бемисл нишон додаанд.

Дар ин баробар ҳазорҳо нафар аз қаҳрамонони дигар барои таъмини артиш ва аҳолӣ бо озуқаворӣ ва дигар ашёҳои ба онҳо зарур шабонарӯзӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва саҳроҳои колхозӣ фидокорона меҳнат кардаанд, ки ин қаҳрамонӣ ва шуҷоати онҳо ниёз ба таҳқиқ ва омӯзиш дорад.

Омӯзиши таҷрибаи таърихии саҳми меҳнаткашон ва нақши хоҷагии қишлоқ дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди эҳё ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ дар замони муосир аҳаммияти бузург дорад.

Ғайр аз ин, бояд зикр кард, ки дар илми таърихшиносии муосир омӯзиши таҷрибаи минтақавии хоҷагидорӣ дар шароити буҳронӣ (монанди ҷанг) ба таҳқиқоти мукаммал ва амиқ ниёз дорад. Таҳқиқи мавзуи болозикр дар мисоли вилояти Кӯлоб дар ин замина то ба ҳол камомӯхта боқӣ монда, ниёз ба таҳқиқот дошт.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия ҳамчун як самти наву муҳими таҳқиқи таърихӣ, махсусан дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ

буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин тақриз, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Ватанзода Шердил Ватан, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва маводи бойгонӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои муътабар, дар заминаи методологияи таҳқиқоти таърихӣ фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстонаи деҳқонони колхозӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашони вилояти Кӯлобро дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон додааст.

Муаллиф дар муаррифии масъала аз доираи васеи адабиёти илмӣ истифода бурда, алоқамандии масъалаи таҳқиқшавандаро бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Кӯлобро ба таври возеҳ нишон додааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва иқтибосҳо аз манбаъҳои мӯътабар тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст вазъи хоҷагии қишлоқро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мисоли вилояти Кӯлоб нишон диҳад. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Натиҷаҳои хулосаҳои илмии таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи асарҳои бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, инчунин дар тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон истифода бурд.

Хулоса, диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан як кори илмии ҷиддӣ ва саривақтӣ буда, дар он гузоришҳои илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда аҳамияти баланди имлӣ дорад. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷӯҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал масъалаи вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои

муътамад мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихӣ қарор мегирад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи мавзуи мазкур навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овард, ки дар рушду ташаккули илми таърихи ватанӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқарраротн илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, кишоварзӣ ва мутахассисони бахши аграрӣ дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии худ истифода шаванд. Маводи ин диссертатсия метавонад дар таҳияи монографияҳо ва асарҳои илмӣ оид ба таърихи ҶШС Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, инчунин ҳангоми омода сохтани маводи таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда, интихоби дурусти равишҳои методологӣ ва усулҳои пажуҳиш аз ҷониби муаллиф имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварда шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин иистифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил,аз ҷумла усулҳои мантиқӣ, таърихият, айният, бетарафӣ, таърихӣ–муқоисавӣ, татбиқӣ, системавӣ ва таҳлилҳои оморӣ дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ шаҳодат медиҳад. Истифодаи воқеъбинонаи маълумоти оморӣ ва таҳлили дақиқи объекту мавзуи таҳқиқот низ ба эътимоднокии натиҷаҳо замина гузоштаанд.

Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳими олимони шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд, барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ Ватанзода Шердил Ватан, дар анҷом додани диссертатсия дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллиф як қатор вазифаҳои асосиро мустақилона иҷро

намудааст, ки ба сифат ва арзиши илмии рисола таъсири мусбат расонидаанд. Аз ҷумла, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби мавзуъ ва пешниҳоди масъалаҳои муҳимми таҳқиқот нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ дар марҳилаҳои аввали таҳқиқот ташаббускор ва мустақил буда, самти кори илмии худро муайян кардааст. Таҳлил ва пешниҳоди маълумоти бадастомада низ аз ҷумлаи саҳми муҳими муаллиф мебошад, ки қобилияти таҳлилӣ ва мустақилияти фикрии ӯро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баррасии диссертатсия нишон дод, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудаанд, ки ин аз эътибори илмии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад. Интишороти муаллиф шаҳодат медиҳанд, ки нуктаҳои асосии муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии Ватанзода Шердил Ватан инъикос ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар ҳаҷми 193 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дошта, он аз ду зербоб иборат мебошад.

Боби мазкур ба таҳлили раванди ташаккул ва рушди хоҷагии қишлоқии вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Дар рисола зикр гардидааст, ки пас аз пойдор гардидани ҳокимияти шуравӣ, мувофиқи сиёсати давлатӣ, дар вилояти Кӯлоб раванди коллективонии хоҷагии қишлоқ оғоз гардида, дар давоми солҳои 1929–1940 тамоми хоҷагиҳои яккадаст ба колхозҳо муттаҳид карда шуданд. Ин раванд бо суръати баланд, махсусан дар ноҳияҳои барои пахтакорӣ муносиб, амалӣ гардида, заминаи моддӣ-техникӣ ва ташкилии истеҳсолоти кишоварзӣ тадриҷан такмил ёфт.

Аз баррасии боби якум маълум гардид, ки то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ сохтори нави хоҷагии қишлоқ дар вилояти Кӯлоб пурра ташаккул ёфт. Шумораи колхозҳо, техника ва пойгоҳҳои хизматрасонӣ зиёд гардида,

барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосӣ аз ҷумла ғалла, пахта, зироатҳои равғандиҳанда ва сабзавот шароити мусоид фароҳам омад. Вилоят соли 1939 нақшаи пахтасупориро ба таври назаррас барзиёд иҷро намуда, дар баробари он, чорводорӣ низ рушд ёфт ва даҳҳо фермаҳои нав таъсис дода шуданд.

Дар раванди таҳқиқи боби аввали диссертатсия, муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлилии мантиқӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва системавӣ вазъи воқеии хоҷагии қишлоқи вилоят ва таъсири ислоҳоти аграриро арзёбӣ намудааст. Маълумоти оморӣ ва сарчашмаҳои муътамад ба таҳияи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ замина гузошта, эътимоднокии натиҷаҳои пажуҳишро таъмин менамоянд.

Боби дуюми диссертатсия **«Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад.

Ин боб асосан ба омӯзиши масъалаҳои зерин ба монанди чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ–техникии хоҷагии қишлоқ, масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ, вазъи рушди соҳаҳои пахтакорӣ, пиллапарварӣ ва боғдорӣ дар шароити ҷанг бахшида шудааст.

Дар диссертатсия муҳаққиқ менависад, ки бо оғози ҷанг зарурати пурзӯр намудани пойгоҳи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ пеш омад. Дар ин давра, ҳарчанд воридоти техника коҳиш ёфт, вале бо саъю талоши кормандони соҳа ва истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда, самаранокии фаъолияти пойгоҳҳои мошину тракторӣ (ПМТ) дар вилоят таъмин гардид. ПМТ-ҳои вилоят бо вуҷуди камбуди сӯзишворӣ ва дастрасӣ ба қисмҳои эҳтиётӣ, тавонистанд нақшаҳои техникаро ба таври назаррас иҷро намоянд.

Дар баробари мушкилоти моддӣ, камбуди кадрҳои соҳибихтисос низ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба шумор мерафт. Бо сафарбар шудани мардони қобили меҳнат ба фронт, зарурати омода сохтани мутахассисон, бахусус занон, дар муддати кӯтоҳ пеш омад. Бо вуҷуди душвориҳо, вилоят дар масъалаи тайёр намудани кадрҳо ба дастовардҳои муҳим ноил гашт. Ҳазорон нафар мутахассисони соҳа омода ва ба хоҷагиҳои деҳот равона карда шуданд.

Сарфи назар аз камбудиҳои кадрӣ ва техникии ҷиддӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта, пилла ва мева дар вилоят ба таври муназзам пеш мерафт. Пахтакорони вилояти Кӯлоб соли 1941 нақшаи давлатии пахтасупориро барзиёд иҷро намуда, дар солҳои минбаъда низ бо вуҷуди шароити душвори ҷанг, истеҳсол ва таҳвили пахтаро то андозае нигоҳ доштанд. Дар соҳаи пиллапарварӣ низ, натиҷаҳои назаррас ба даст омад, ки ба таъмини ашёи хоми стратегӣ барои саноати ҳарбӣ мусоидат

намуд. Бо вуҷуди мушкилоти зиёди замони ҷанг, боғпарварон дар вилоят бо рӯҳияи баланд ниҳолшинонӣ карда, ба тавсеаи боғу токзор ва таъмини эҳтиёҷоти дохилии ғизоии ҷумҳурӣ ва Артиши Сурх саҳм гузоштанд.

Боби сеюм диссертатсия **«Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ном дошта,** дар ин боб муаллиф ба масъалаҳои мубоpизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа, корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳаёти маданӣ–маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст.

Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки аз рӯзҳои аввали ҷанг меҳнаткашони вилоят бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ба пуштибонии фронт бархоста, тамоми захираҳо ва қувваи мавҷударо ба хизмати ғалаба равона карданд. Дар ҳар деҳа ва хоҷагии вилоят маҷлисҳо, ҳамоишҳо ва корҳои ташвиқотӣ роҳандозӣ шуда, мардум ба кори муҳими ҷамъоварии ёрии моддӣ барои фронт ҷалб гардиданд.

Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб моҳи июни соли 1941 мардумро ба сафарбаршавии умумӣ ба ҷабҳа даъват кард. Зимни солҳои ҷанг беш аз 50 ҳазор нафар аз вилоят ба сафи Артиши Сурх пайваста, дар набардҳои хунин ҷасорат нишон доданд. Колхозчиён ва аҳли заҳмати вилоят фаъолона ба Фонди мудофиа ва Фонди колоннаи танкӣ маблағ, ғизо, либоси гарм ва дигар лавозимот ирсол намуда, фронтро аз ақибгоҳ дастгирӣ мекарданд. Мардум ҳазорҳо ҷуфт либоси гарм, пашм, пӯст, телпак ва ҷӯроб ҷамъоварӣ карда, ба сарбозон фиристоданд.

Ҳамзамон, аҳолии деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ корнамоиҳои шоиста нишон доданд. Дар вилоят бо вуҷуди камбуди нерӯи корӣ ва дигар мушкилоти замони ҷанг, истеҳсоли ғалла, меваю сабзавот ва чорво афзоиш мушоҳида мегардид. Колхозҳо дар иҷрои нақшаи давлатии кишт ва истеҳсол муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда, аз ҳар гектар ҳосили баланд гирифтанд.

Соҳаи чорводорӣ низ дар шароити ҷанг дар марҳиллаи рушд қарор дошт. Саршумори чорвои калони шохдор, гӯсфанд, буз ва асп дар солҳои ҷанг афзоиш ёфт. Чорводорон дар баробари таъмини мардум ва ҷанговарон, як миқдор чорвои солимро ба фронт низ супориданд.

Бо вуҷуди шароити душвори замони ҷанг, дар ҳаёти маданӣ ва маишии сокинони вилоят тағиротҳо ба миён омад. Дар вилояти Кӯлоб барномаҳои саводноккунӣ аҳоли амалӣ гардонида мешуданд. Теъдоди хонандагони мактабҳо сол то сол меафзуд ва муаллимон бо масъулияти баланд ба таълими насли наврас машғул буданд. Дар шахр ва ноҳияҳои вилоят ятимхонаҳо, боғчаҳо ва мактаб-интернатҳо амал мекарданд. Ҳамзамон, муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили китобхонаҳо, клубҳо ва

осорхонаҳо фаъолият намуда, бо барномаҳои тарбиявӣ дар қисмҳои ҳарбӣ ва марказҳои ҷамъиятӣ баромад мекарданд.

Адабиёти давраи ҷанг, бахусус шоирони доираи адабии Кӯлоб, бо навиштаҳои худ аҳолиро дар руҳи ватандӯстӣ ва мубориза барои озодӣ тақвият медоданд. Фарҳанги мардум, бо вуҷуди ҷанг, ба як омили муҳими тарбиявӣ ва маънавӣ табдил ёфта буд.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945) оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони далатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Ватанзода Шердил Ватан ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар баъзе ҷойҳои параграфи якуми боби якум “Рафт ва натиҷаи коллективонии хоҷагии деҳот дар вилоят” диссертант мушаххасан оид ба рафти коллективикунонӣ дар вилоят сухан наронда, балки дар умум рафти коллективикунонӣ дар ҷумҳуриро нишон додааст.
2. Дар диссертатсия вазъи рушди соҳаи кишоварзии вилояти Кулоб бо дигар манотики ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги бузурги ватанӣ муқоиса нагардидааст.
3. Дар зербоби сеюми боби сеюм “Ҳаѐти маданӣ–маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ” муаллиф масъалаҳои маданӣ ва саҳми аҳли фарҳангро хеле

равшан баён намудааст, аммо ба ҳаёти маишӣ, шароити зисти заҳматкашон камтар таваҷҷӯҳ намудааст.

4. Хуб мешуд, ки диссертант боз ҳам дар рафти таҳқиқи масъала аз хотироти собиқадорони ҷанг ва меҳнат, адабиёти ёддоштии вобаста ба замони ҶБВ ва маълумоти пусуҷӯӣ бештар истифода мебурд.
5. Дар диссертатсия камбудиҳои ночизи техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳамияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърихи ватанӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) тахия гардида, мазмуни асосии кори таҳқикиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илми асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби д.и.т. профессори кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҳотамов Н.Б. омода гардидааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, протоколи №11, аз 16 июни соли 2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 21 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи таърих ва фалсафаи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҳайдаров А.А.

**Эксперт:**
доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи
таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҳотамов Н.Б.

**Котиби илмии ҷаласа:**
устоди калони кафедраи таърих ва
фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҳабибов С.И.

Имзоҳои Ҳайдаров А.А ., Ҳотамов Н.Б.,
Ҳабибов С.И. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроғаи муассисаи пешбар**:
Индекс 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбон (кӯча)-и Борбад, 48/5
Тел./ Fax.: +992 (37) 234-88-02. 234 88 00
E-mail: iutet_ips@mail.ru; сомонаи расмӣ: https://iutet.tj

«17» 06 соли 2025